Лоиҳа

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 1. Ба моддаи 519 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2, мод. 5, №3, мод. 153, №7, мод. 547, №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430, мод. 431, №7-8, мод. 610, №12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, №7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, №12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, №3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144. №7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, №3, мод. 201, №7-9, мод. 707, мод. 708, №11, мод. 955, №12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, №3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, №5, мод. 359, мод. 361, №7, мод. 613, мод. 614, №11, мод. 877; с. 2017, №1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, №7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, №1, мод. 9, №5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, №1, мод. 8, №6, мод. 312, мод. 313, №7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 6, №7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, №12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, №6, мод. 384, мод. 385), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми 1 баъд аз калимаҳои "риоя накардани" калимаҳои "расмиёти хариди давлатии муқаррарнамудаи" илова карда шаванд;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“барои бидуни протоколи низоми электронии хариди давлатӣ ва ё бидуни хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ анҷом додани хариди давлатӣ, ба шахсони мансабдор ба андозаи даҳ фоизи арзиши умумии чунин хариди анҷомдодашуда ҷарима таъйин карда мешавад.”.

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“барои бидуни протоколи низоми электронии хариди давлатӣ ва ё бидуни хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ иҷозат додани маблағгузории хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.”.

- қисми 2 қисми 4 ҳисобида шавад.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон